**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)**

1. Мавзуи диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон, ки ба таҳқиқи камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шудааст, аз ҷиҳати илмию амалӣ мубрам ва дорои аҳаммияти муҳим мебошад. Дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат масъалаи коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ ва баланд бардоштани сифати ҳаёт аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Камбизоатӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ ба сохтори иҷтимоӣ, равандҳои табақабандӣ, ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва рушди сармояи инсонӣ таъсири бевосита мерасонад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, инчунин, бо равандҳои дигаргуншавии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон алоқаманд мебошад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, густариши муҳоҷирати меҳнатӣ, тағйирёбии арзишҳои иҷтимоӣ ва таъсири омилҳои глобалӣ, камбизоатӣ ҳамчун яке аз мушкилоти асосии иҷтимоӣ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи сотсиологии он барои фаҳмиши амиқи равандҳои иҷтимоӣ ва таҳияи механизмҳои самараноки коҳиш додани он аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили сотсиологии камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ва муайян намудани сабабҳои пайдоишу густариш ва роҳҳои коҳиш додани сатҳи он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Барои ноил гардидан ба ин мақсад муаллиф як қатор вазифаҳои илмиро муайян намуда, масъалаҳои назариявию методологии омӯзиши камбизоатӣ, таснифоти он, методҳои ченкунӣ, таҳлили табақабандии иҷтимоӣ, инчунин, сабабҳо ва оқибатҳои иҷтимоии камбизоатиро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст.

**Дарачаи эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқот бо истифодаи равишҳо ва методҳои муосири илмӣ таъмин карда шудааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои умумии илмӣ ва махсуси сотсиологӣ, аз ҷумла таҳлили назариявӣ, таҳлили муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, усулҳои оморӣ, пурсиши сотсиологӣ ва таҳлили ҳуҷҷатҳо истифода гардидаанд. Пойгоҳи эмпирикии таҳқиқот натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, маълумоти омории расмӣ, санадҳои давлатӣ ва адабиёти илмии ватаниву хориҷиро дар бар мегирад, ки ба даст овардани натиҷаҳои илмии асоснок ва боэътимод мусоидат намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия бори аввал дар доираи илми сотсиологияи ватанӣ таҳлили мукаммали камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Муаллиф асосҳои назариявию методологии таҳлили камбизоатиро такмил дода, хусусиятҳои иҷтимоии он дар шароити миллӣ ошкор намудааст. Дар таҳқиқот нишон дода шудааст, ки камбизоатӣ бо омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва гендерӣ зич алоқаманд буда, ба равандҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ташаккули сармояи инсонӣ таъсири назаррас мерасонад.

Дар диссертатсия, инчунин, сабабҳои иҷтимоии камбизоатӣ, аз ҷумла қолабҳои фикрии боқимонда аз давраи шуравӣ, вобастагии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сатҳи пасти маърифати касбӣ ва гендерӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки камбизоатӣ метавонад боиси афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ, маҳдуд гардидани имкониятҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ ва шиддат гирифтани каҷрафториҳои иҷтимоӣ гардад. Ҳамзамон, роҳҳо ва стратегияҳои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи маърифати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ ба захираҳои иҷтимоӣ пешниҳод шудаанд.

Нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дорои навгонии илмӣ буда, барои рушди минбаъдаи сотсиология ва таҳқиқоти вобаста ба масъалаҳои камюизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи сиёсати иҷтимоии давлатӣ,

барномаҳои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаб** дар таҳияи масъалаҳои илмии таҳқиқот назаррас мебошад. Аҳрорӣ А.М. мустақилона консепсияи таҳқиқотро таҳия намуда, таҳқиқоти сотсиологиро анҷом дода, натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил ва ҷамъбаст намудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, инъикос гардидаанд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд. Таҳқиқот дорои заминаи мустаҳками назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои илмии он дар асоси таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба пешниҳод шудаанд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои мантиқи ягонаи илмӣ ва сохтори муназзам мебошад.

3. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2025, №421/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқоти мазкур ба талаботи Феҳристи ихтисосҳо, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар 13 интишороти илмӣ нашр намудааст, аз ҷумла дар 1 монография ва 12 мақолаҳои илмӣ. Аз ин шумора 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии

аттестатсионии Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» ҳамаи манбаъҳои илмӣ бо ишора ба муаллифони онҳо оварда шудаанд. Ин ҳолат аз риоя гардидани талаботи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, гувоҳӣ медиҳад. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда усулҳои илмии истифодашуда боэътимод буда, ба ихтисоси илмии диссертатсия мутобиқат мекунанд.

6. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ бо дарназардошти банди 56 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, инчунин, банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Аҳрорӣ Адиба Мухиддинҷон дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-104 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Хусанова Хайринисо Тайировна – доктори илмҳои сотсиологӣ, профессори кафедраи сотсиологияи Донишгоҳи миллии Ӯзбекистон ба номи Мирзо Улуғбек;

– Насирова Умеда Наимовна – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар таъин карда шавад: Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои сотсиологӣ,
профессор Ш. Шоисматуллоев

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор Д.С. Амонова

доктори илмҳои сиёсӣ М.Ш. Маҳмадбекзода